**ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН**
**ҚАРОРИ**
**РАИСИ НОҲИЯИ ИСМОИЛИ СОМОНИИ**
**ШАҲРИ ДУШАНБЕ**

аз «15» 02 соли 2021 №71

Дар бораи баланд бардоштани тарифҳои хизматрасониҳои Корхонаи воҳиди давлатии «Муассисаи партовкашонӣ»-и ноҳияи Исмоили Сомонӣ

Бо мақсади баланд бардоштани сифати хизматрасонӣ, ҷорӣ намудани тартиби ягонаи ҷамъоварии маблағи хизматрасониҳои пулакӣ ва беҳтаргардонии фаъолияти молиявию иқтисодии КВД «Муассисаи партовкашонӣ»-и ноҳия, таъмин намудани нишондодҳои мусбати иқтисодӣ ва беҳтар намудани вазъи молиявию техникии КВД «Муассисаи партовкашонӣ»-и ноҳия, бо назардошти Фармоиши шуъбаи Хадамоти Зиддиинҳисории назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шаҳри Душанбе аз 3 феврали соли 2021, №8 дар бораи тасдиқ намудани Нархномаҳои «Тарифҳои хизматрасонии партовбарорӣ дар ноҳияҳои шаҳри Душанбе», мутобиқи моддаҳои 19 ва 20 Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатӣ» ва моддаи 57-и Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ»

**ҚАРОР МЕКУНАМ:**

1. Тарифҳои хизматрасонии баровардани партовҳои сахти маишӣ барои истифодабарандагон дар КВД «Муассисаи партовкашонӣ»-и ноҳияи Исмоили Сомонӣ барои як истиқоматкунанда аз 1 феврали соли 2021 бо тартиби зерин муайян карда шавад:

- дар хонаҳои ободи бо қубури ахлотпарто муҷаҳҳаз (9-16 ошёна) – 3,50 сомонӣ;
- дар хонаҳои ободи бе қубури ахлотпарто – 2,90 сомонӣ
- дар ҳавлиҳои шахсӣ – 4,30 сомонӣ
- дар ҳавлиҳои ободнашуда – 4,00 сомонӣ
- барои муассисаҳои буҷетӣ барои 1 м³ – 39,20 сомонӣ
- барои ташкилоту корхонаҳои тиҷоратӣ барои 1 м³ – 48,80 сомонӣ

2. Муовини якуми Раиси ноҳияи Исмоили Сомонӣ:

- бобати беҳбуд бахшидани низоми ҷамъоварии ҳаққи хизматрасонӣ ва беҳтар гардонидани нишондиҳандаи молиявию техникии КВД «Муассисаи партовкашонӣ»-и ноҳия чораҳои таъхирнопазир андешида,

ба усули биллингӣ ба роҳ мондани ҳисоббаробаркуниро бо аҳолӣ, ҷорӣ намояд;

- сохторҳои давлативу ҷамъиятии ноҳиявӣ, аз қабили соҳаҳои омор, андоз, корҳои дохилӣ, саноат ва савдо, шӯрои маҳаллаҳо, КВД «Манзилхизматрасон»-ҳо ва Ширкатҳои соҳибмулкони манзилро барои бо қайд ва фарогирии шумораи воқеъии аҳолӣ, теъдоди аниқи корхонаву ташкилотҳо, ки ба бехбудбахшӣ ба фаъолияти КВД «Муассисаи партовкашонӣ»-и ноҳия ва низоми шаффофи даромади маблағҳо мусоидат менамояд, ҷалб намоянд;

- КВД «Муассисаи партовкашонӣ» хизматрасониҳоро танҳо дар доираи бастани шартнома ба роҳ монанд;

- барои таъсиррасонии мусбат ба ҳолати ҷамъоварии пурраи ҳаққи хизматрасонӣ нисбати партовистеҳсолкунандагоне, ки дар пардохти ҳаққи хизматрасонӣ камаҳамиятӣ зоҳир менамоянд, муҳокимарониҳои ҷамъиятиву корҳои фаҳмондадиҳиро дар шӯрои маҳаллаҳо, КВД «Манзилхизматрасон»-ҳо ва Ширкатҳои соҳибмулкони манзил ба роҳ монанд ва дар сурати худдориву беэътиноӣ ва саркашӣ намудани муштариён, дар доираи талаботи қонунгузорӣ дар ҳамкорӣ бо сохторҳои назоратӣ, чораҳои зарурӣ андешанд.

3. Муовини якуми Раиси ноҳия Сафарзода Ш. Н. ва сардори КВД «Муассисаи партовкашонӣ»-и ноҳия Сафаров И. вазифадор карда шаванд, ки дар муддати 20 рӯз хулосаи Ҳаламоти Зиддиинҳисории назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистонро ба масъулини сохторҳои коммуналии ноҳия дастрас намуда, мутобиқи он фаъолияти корхонаи болозикрро ба роҳ монанд.

4. Муассисаи давлатии "Раёсати кор бо маҳаллаҳо ва хизматрасонии фонди манзилию коммуналӣ"-и ноҳияи Исмоили Сомонӣ бобати назорати талабот дар самти фарогирии бештари аҳолӣ, беҳтарсозии сифати хизматрасонӣ ва ба таври ҳатмӣ дар доираи шартномабандӣ ба роҳ мондани фаъолияти партовбарорӣ чораҳои қатъӣ андешида, нисбати ҷораҷӯиву иҷрои бандҳои қарор ҳар шашмоҳа ба Раиси ноҳия ахбороти хаттӣ пешниҳод намояд.

5. Раёсати молияи ноҳия меъёрҳои ҷамъоварии ҳаққи хизматрасониҳои пулакиро дар КВД «Муассисаи партовкашонӣ»-и ноҳия тибқи талаботи санадҳои меъёрии ҳуқуқии амалкунанда, таҳти назорат қарор диҳад.

6. Қарори мазкур барои тасдиқ ба иҷлосияи навбатии Маҷлиси вакилони халқи ноҳияи Исмоили Сомонӣ, пешниҳод карда шавад.

7. Назорати иҷрои қарори мазкур ба зиммаи муовини якуми Раиси ноҳияи Исмоили Сомонии шаҳри Душанбе Сафарзода Ш. Н. гузошта шавад.

Раиси ноҳия Самӣ Шариф